Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА - 018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.)

# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Оид ба мутобиқати мазмуни диссертатсия ба номи мавзӯъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст.** Мазмуни диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон пурра ба номи мавзӯъ ва ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки бо Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.09.2025, № 10 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд. Диссертатсия ба таҳлили ҳамаҷонибаи ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ бахшида шуда, дар он масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими фаъолияти онҳо, аз ҷумла ҳуқуқ, уҳдадориҳо, шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ, масъулияти маданӣ ва ҳамкории байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

**Шумора ва мутобиқати интишороти натиҷаҳои асосии таҳқиқоти унвонҷӯй ба талаботҳои амалкунанда.** Унвонҷӯй муаллифи 8 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди умумии асарҳои илмӣ, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ҳаҷми умумии асарҳои чопшуда зиёда аз 5,5 ҷ. ҷ. мебошад. Шумора ва мазмуни интишорот ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқат мекунад.

**Оид ба истифодаи андеша ва маводҳои дигар (асардуздӣ).** Дар таҳқиқоти мазкур ҳеҷ гуна ҳолати беовардани иқтибос ба манбаъ (асардуздӣ) ошкор карда нашуд. Ҳамаи маводҳои истифодашуда, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ, асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои амалияи судӣ ва оморӣ, дорои иқтибосҳои зарурӣ буда, ба рӯйхати адабиёти истифодашуда (зиёда аз 279 манбаъ) ворид гардидаанд, ки далели риояи банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад.

**Риояи қоидаҳои имлои забони давлатӣ ва одоби илмӣ.** Аз ҷониби унвонҷӯй қоидаҳои имло ва иншои забони давлатӣ риоя шудаанд. Матни диссертатсия бо забони илмии адабӣ ва истилоҳоти ҳуқуқии муқаррааргардида пешниҳод гардидааст. Унвонҷӯй одоби илмиро (эҳтиром ба асарҳои дигар муаллифон, риояи пайдарпайии мантиқӣ, далелнокии хулосаҳо) пурра риоя намудааст.

**Саҳми унвонҷӯй дар таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ дар илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ бахшида шудааст.

Унвонҷӯй дар таҳияи консепсияи таҳқиқот, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва методологияи таҳқиқот саҳми бевосита дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки то қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 24 декабри соли 2022) ва таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» (аз 7 августи соли 2020), ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар сатҳи зарурӣ танзим нашуда буд. Унвонҷӯй ба масъалаҳои ҳуқуқии ташкил, фаъолият, ҳуқуқ, уҳдадориҳо, шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ва масъулияти ин ташкилотҳо мустақилона ибрози ақида намуда, назарияи илмии худро пешниҳод намудааст.

Ҷанбаҳои назариявии рисола дар он зоҳир мешаванд, ки унвонҷӯй аз соли 2022 то инҷониб ба таҳқиқи мавзӯи мазкур машғул буда, дар семинарҳои кафедра, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (аз ҷумла дар Академияи ВКД Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) бо маърӯзаҳои муҳим баромад кардааст. Инчунин, унвонҷӯй аз фанни «Ҳуқуқ» ва “Ҳуқуқи соҳтбкорӣ” ба донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дарсҳои лексионӣ мехонад ва машғулиятҳои амалӣ мегузаронад, ки ин аз салоҳияти баланди илмӣ ва омӯзгории ӯ шаҳодат медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши боварикоки илмӣ дар мавзӯи ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар рафти таҳқиқот муаллиф масъалаҳоеро баррасӣ кардааст, ки дар ҳуқуқшиносии муосир навгонии илмӣ доранд, аз ҷумла:

- Мафҳуми «ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ» ҳамчун категорияи илмӣ ва ҳуқуқӣ муайян карда шуда, хусусиятҳои фарққунандаи он аз дигар субъектҳои соҳибкорӣ (ҷанбаи дугонаи тиҷоратӣ-иҷтимоии фаъолият, масъулияти ҳамоҳангсозӣ дар байни соҳаҳои гуногун, вобастагӣ ба захираҳои миллии табиию фарҳангӣ) ба таври илмӣ асоснок гардидааст.

-. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ба се гурӯҳи асосӣ (умумӣ, махсуси соҳавӣ ва ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон) ҷудо карда шудаанд, ки имкони таҳлили мунтазами ҳолати ҳуқуқии ин ташкилотҳоро фароҳам меорад.

- Фарқияти байни танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ дар асоси вазифаҳо, масъулиятҳо ва ҳолати ҳуқуқӣ (танзимгари сайёҳӣ масъулияти пурраи бастаи хизматрасониҳоро ба зимма дорад, дар ҳоле ки агентии сайёҳӣ бештар миёнарави тиҷоратӣ буда, асосан барои маълумоти дуруст ҷавобгар мебошад) дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ бори аввал муайян карда шудааст.

- Мафҳуми «шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ» ҳамчун шартномаи омехтаи дорои ҷанбаҳои мураккаби ҳуқуқӣ (омада, шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ на фақат расонидани хизматрасониҳои алоҳида, балки ташкили пурраи саёҳатро дар бар мегирад) таҳлил гардидааст.

- Роҳҳои такмили қонунгузорӣ, аз қабили ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти танзимгарони сайёҳӣ (бо муайян намудани ҳадди ақали андозаи масъулияти молиявӣ – барои байналмилалӣ на камтар аз 50 ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо, барои дохилӣ на камтар аз 10 ҳазор), табдил додани Феҳристи давлатӣ ба феҳристи ягонаи электронии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ, танзими муфассали шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ дар шакли намунаи ҳатмӣ, таҳияи стандартҳои миллӣ дар соҳаи сайёҳӣ, пешниҳод шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз ҳисоби: истифодаи методологияи муосири таҳқиқоти илмӣ (методҳои таҳлил, синтез, муқоиса, системавӣ, функсионалӣ, мантиқӣ, таърихӣ, ҳуқуқии муқоисавӣ ва сохторӣ-функсионалӣ); таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ (беш аз 40 санади меъёрӣ) ва хориҷӣ (қонунгузории Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Туркия, Фаронса, Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷопон); омӯзиши амалияи судӣ ва амалияи фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; мавҷудияти 8 нашрияи илмӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ки 5 мақолаи онҳо дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд; иштироки фаъол дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (6 конференсия) таъмин карда шудааст.

**Муҳокима ва тасвиби натиҷаҳои асосии диссертатсия.** Диссертатсия дар маҷлисҳои кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чандин маротиба муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои зерин ироа гардидаанд:

-IV-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» – маъруза дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти сайёҳии тиҷоратӣ: таҳлили муқоисавии қонунгузории ИМА, Ҳиндустон ва Хитой» (Душанбе, 18 апрели 2025).

- Конференсияи байналмилалии илмӣ-назаривӣ дар мавзӯи «Масоили ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ» – маърӯза дар мавзӯи «Танзими ҳифзи маълумотҳои шахсӣ ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ» (Душанбе, 24 октябри 2025).

- VIII-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» – маърӯза дар мавзӯи «Танзими ҳифзи маълумоти шахсӣ ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ» (Душанбе, 10 декабри 2025).

- Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Мушкилоти муосири муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзӯи «Ширкатҳои сайёҳӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ва соҳибкорӣ» (Душанбе, 13 марти 2026).

- Конференсияи илмӣ-назариявии профессорону омӯзгорон бахшида ба «35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзӯи «Ҷонибҳои шартномаи хизматрасонии пулакии сайёҳӣ» (Душанбе, 15 апрели 2026).

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълимии фанҳои «Ҳуқуқ» ва «Ҳуқуқи сайёҳӣ» дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода шудаанд.

**Оид ба мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон аз рӯи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) таҳия гардида, ба шиносномаи ихтисоси мазкур дар самтҳои зерин мувофиқат менамояд: таҳлили ҳолати ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ (ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ); танзими ҳуқуқии муносибатҳои шартномавӣ дар соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ; масъулияти маданӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ; таҳлили муқоисавии қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи сайёҳӣ.

**Мутобиқати мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла «Таҳқиқи назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» (кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети

ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025) мувофиқат мекунад.

Хулоса, диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст (бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37), пурра ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия таҳқиқоти мукаммали илмӣ буда, дар он мушкилоти муҳими назариявӣ ва амалии ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳал карда шудаанд. Муаллиф навгониҳои илмиро ба даст оварда, пешниҳодҳо ва тавсияҳои асосноки амалӣ оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ таҳия намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом дода шуда, он барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда мешавад.

Аз ин рӯ, тасдиқ менамоям, ки Абдусамадзода Сорбон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,**
**муовини директор оид ба илм ва таълими**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои**
**Осиё ва Аврупои Академияи миллии**
**илмҳои Тоҷикистон** **Сангинзода Д.Ш.**

Ихтисоси илмии роҳбари илмӣ: 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Суроғаи ҳуқуқӣ: 734018. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
Телфон: (+992 37) 2210572
Email: rustamhaydarov.tjk@gmail.com
Сомона: https://www.osiyoavrupo.tj/tg

Имзои Сангинзода Д.Ш.-ро тасдиқ мекунам
Нозири калони кадри ИОМДОА-и АМИТ Игамова У.Я.

«27» 03 соли 2026

ИНСТИТУТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПОИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН * THE INSTITUTE OF STUDYING THE PROBLEMS OF THE ASIA AND EUROPE OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN *
ШУЪБАИ КАДРҲО